# ТАҚРИЗИ

ба рисолаи илмии Раҳилаи Нураҳмадзода дар мавзуи “Ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)

Роҳилаи Нураҳмадзода ба ҳайси унвонҷӯ дар шуъбаи тайёрнамоии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон бо фармоиши №26, аз 21 феврали соли 2020 қабул шуда, таи солҳои 2020-2023 фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ бурдааст.

Мазмуни рисолаи илмии “Ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ” махсусан татбиқи талаботҳои “Барномаи давлатии рушди соҳаи тарбияи томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-25” ва “Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022” дар бар гирифта, тибқии иҷрои нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва синфҳои ибтидоии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Навгонии илмии кор аз он иборат аст, ки унвонҷӯ вазифа, мазмун ва технологияи ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-педагогӣ дар чанбаи инкишофи шахсияти кӯдакон муайян гардидааст. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботиро дар ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ дар давраи гузариш ба зинаи таҳсилоти ибтидоӣ мавриди дар корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ қарор дода, барномаи махсуси “Ташаккули омодагии нутқии кӯдакон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ барои ташаккули нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ дар зинаи гузариш ба таҳсилоти ибтидоӣ коркард ва дар пойгоҳҳои озмоишӣ аз таҷриба гузарониданд. Яке аз муҳимтарин вазифа дар рафти таҳқиқот иборат аз он аст, ки “Барномаи ташаккули омодагии нутқии кӯдакон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ” мавриди шиносоӣ бо муҳити атроф мураттаб намуд.

Дар робита ба Барномаи мазкур бояд қайд намуд, ки он бевосита яке аз вазифаҳои мубрами гузошташуда ба ҳисоб меравад, зеро мавриди шиносоии кӯдакони синни калони томактабӣ бо муҳити атроф, ҷойҳои таърихӣ ва фарҳангии кишвар аз як тараф дар кӯдакон ҳисси ватандӯстӣ, мансубият ба арзишҳои маънавии миллати тоҷик тарбия гардад, аз ҷониби дигар нутқи гуфтугӯии кӯдакон бою ғанӣ гардида, захираи луғавӣ, ташаккули нутқи грамматикӣ ва мураттаб, ҳосил намудани фикрҳои таҳлилию интиқодӣ, эҷодӣ ва созандаю офаранда гардиданд.

Дар раванди таҳқиқот Барномаи мазкур мавриди озмоиш ёфта, таҳлили натиҷа, таркиб ва хулосабарорӣ аз баргузории озмоишҳои назоратӣ ва асосӣ бо нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии бадастомада оварда шуда, асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқот исбот гардидааст.

Дар давраи кор унвонҷӯ Раҳилаи Нураҳмадзода худро ҳамчун шахсияти кордону нуктасанҷ, масъулиятнок ва қавиирода нишон дода, доимо аз болои баланд бардоштани маҳорати касбии худ кӯшиш менамояд.

Раҳилаи Нураҳмадзода бо маърӯзаҳо дар конфренсияҳои илмию назариявӣ ва ҳисоботҳо дар шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф баромад намуда, аз натиҷаҳои таҳқиқот мақолаҳои илмиро дар матбуоти ҷумҳурӣ ва берун аз он чоп намуданд.

Муносибати инсонӣ ва одоби омӯзгорӣ ба ӯ хос буда, пешаи худро дӯст медорад, ҳамвора пайи ҷустуҷӯ ва пажӯҳиш аст. Заҳматкашӣ, пуркорӣ ба ӯ имкон додааст, ки дар соҳаи илму таълиму тарбия ба муваффақиятҳо ноил шавад

Хулоса, таҳкиқоти Раҳилаи Нураҳмадзода "Ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ" кори мустақилона ба итмомрасидаро ифода намуда, дар он ҳалли як масъалаи муҳим, ки барои илм ва амалияи педагогӣ зарур аст, таҳқиқ гардидааст. Рисола ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021 ҷавобгӯ арзёбӣ гардида, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод мегардад.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири шуъбаи педагогика,
психология ва методикаи таълими
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон — Иматзода Лутфия Маҳмадулло

Имзои Л.Иматзодаро тасдиқ мекунам.
Мудири шуъбаи кадрҳо коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон — Х. Ҳакимова